«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ "Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
__________ Абдуллозода А.И.
«18» ____01____ соли 2024

# ХУЛОСАИ

ҷаласаи васеи кафедраи педагогикаи умумии МДТ "Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ" ба диссертатсияи Хоҷаева Гулҷаҳон Ҷаҳфаровна дар мавзуи **"Оғози эҳёи аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик (асрҳои IX-XI)"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Диссертатсияи Хоҷаева Гулҷаҳон Ҷаҳфаровна дар мавзуи "Оғози Эҳёи Аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик (асрҳои IX-XI)"барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дар кафедраи педагогикаи умумии МДТ "Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ" омода шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Хоҷаева Гулҷаҳон Ҷаҳфаровна унвонҷӯйи кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба шумор мерафт.

Соли 1994 Хоҷаева Гулҷаҳон Ҷаҳфаровна факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраев (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ)-ро аз рӯйи ихтисоси олигофренопедагогика (омӯзгор) дараҷаи мутахассис хатм кардааст.

Ҳамчунин, 1998 Хоҷаева Гулҷаҳон Ҷаҳфаровна бо ихтисоси олигофренопедагогика (омӯзгор) дараҷаи мутахассисро хатм намуда, баъди он ҷиҳати идомаи таҳсил аз 27.02.2013, №95 ОБ ба ҳайси унвонҷӯй ба шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ дохилшуда, соли 2017 аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 -Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот онро хатм намудааст. Айни замон ба ҳайси муаллими калони кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи мазкур ҷиҳати такмилу таҷдид дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 28-уми ноябри соли 2012, №10 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ – Раҷабзода Маҳмадулло, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, муовини сардори раёсати илм ва инноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Маълумотнома дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадӣ аз фанҳои забонҳои хориҷӣ (немисӣ),фалсафаи илм, педагогикаи умумӣ аз 29.10.2023, №04/152 аз ҷониби Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дода шудааст.

Диссертатсияи Хоҷаева Гулҷаҳон Ҷаҳфаровна дар ҷаласаи васеи кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 30.01.2024, № 10/6 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Хоҷаева Гулҷаҳон Ҷаҳфаровна дар мавзуи “Оғози эҳёи аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик (асрҳои IX-XI)” чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.**

Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мутобиқат менамояд: банди 2 - таърихи рушди илми педагогика ва амалияи таълим (рушди таърихии амалияи таҳсилот; ташаккул ва рушди афкор; консепсияҳо, назарияҳо; омӯзиши монографияи мероси педагогии омӯзгорони маъруфи замони гузашта; таърихи этнопедагогика, рушди лексика ва истилоҳшиносӣ); банди 9 - таҳқиқоти байнифаннии ҷанбаҳои педагогии таълим (таҳқиқоти соҳаҳои гуногуни рушди маориф дар асоси ҳамгиройии соҳаҳои мухталифи илмии дониш).

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба сархати 9-и Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503) иртибот дошта, натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти илмӣ ҳангоми тадрису пажуҳиш дар самти педагогикаи ватанӣ нақши муҳим дорад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба мухтавои диссертатсия ва автореферати он.** Мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз он иборат аст, ки диссертатсияи худро мустақилона бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ, бадеӣ ва фалсафию ахлоқӣ ва адабиёти илмии миллию хориҷӣ анҷом додааст. Мушаххассозии фарзия ва масъалаҳои асосии таҳқиқот, таҳия ва тавзеҳи ғояҳо ва арзишҳои бадастомада, усулҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, инчунин пешниҳоди тавсияҳо барои татбиқи амалии хулосаҳои рисола дар амалияи педагогӣ ва иҷтимоӣ саҳми шахсии муаллиф мебошанд.

Диссертатсияи Хоҷаева Гулҷаҳон Ҷаҳфаровна ба яке аз мавзуъҳои мубрами илми ватанӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, унвонҷӯ тавонистааст, ки вазъ, мушкилот ва дурнамои таҳқиқоти педагогиро дар даврони Эҳёи Аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик (асрҳои IX-XI)" мавриди омӯзиш қарор диҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, 2 боб, 6 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат аст.

Нуктаҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳои диссертант дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ки 3 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мазмуни диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. Хоҷаева, Г.Ҷ. Омилҳои асосии рушди тарбияи маънавӣ дар аҳди Сомониён [Матн] / Г.Ҷ. Хоҷаева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.– Душанбе, 2017. - № 5 (72). - С. 43–46. ISSN: 2219-5408
2. Хоҷаева, Г.Ҷ. Педагогикаи миллӣ ва ташаккули заминаҳо дар давраи Эҳёи Аҷам [Матн] / Г.Ҷ. Хоҷаева // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2024. - №2 (46). – С.20-27. ISSN:2617-5320
3. Раҷабзода М. Нақши Исмоили Сомонӣ дар Эҳёи Аҷам ва рушди пелагогикаи миллӣ [Матн] / М. Раҷабзода, Г.Ҷ. Хоҷаева // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. - №1 (50). - С.167-175. ISSN: 2222-9809

4. Хоҷаева, Г.Ҷ Ҷойгоҳи амирони Сомонӣ дар ташаккули афкори тарбиявии Рӯдакӣ [Матн] / Г.Ҷ. Хоҷаева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. - № 3 (13). - С. 127-131. ISSN: 2708-5759
5. Хоҷаева, Г.Ҷ. Тарбияи маънавӣ дар аҳди Сомониён дар партави оиншои исломӣ ва суннатҳои мардуми эронинаҳод [Матн] / Г.Ҷ. Хоҷаева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. - № 2 (16). - С. 40-44. ISSN: 2708-5759

**II. Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд:**

1. Хоҷаева, Г.Ҷ. Таҳқиқи афкори педагогикаи халқи тохик дар шароити истиқлолияти миллӣ [Матн] / Г.Ҷ. Хоҷаева // Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Саҳми академик И. Обидов дар таҳқиқ ва рушди мактабу маориф" (ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ). – Душанбе, 2013. – С. 40-43.
2. Хоҷаева, Г.Ҷ. Баъзе масъалаҳои таҳқиқи педагогикаи этникӣ ва муосири тоҷик дар шароити ҷаҳонишавӣ / Г.Хоҷаева, Азизова Ф. [Матн] // Маводди конференсияи илмӣ-амалии хумҳуриявӣ дар ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ дар мавзуи "Назарияи иқтисод ва пешрафти ҷомеа". – Душанбе, 2018. - С. 234-239.
3. Хоҷаева, Г.Ҷ. Баъзе масъалаҳои педагигикаи муосир ва таҳқиқи он [Матн] / Г.Ҷ. Хоҷаева // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Мактаби муосир ва проблемаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ" бахшида ба 30-солагии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар борапи маориф" ва 70-солагии доктори илмҳои педагогӣ, профессор А. Нурзода. – Душанбе, 2019. - С. 199-201.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Хоҷаева Гулҷаҳон Ҷаҳфаровна дар мавзуи "Оғози эҳёи аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик (асрҳои IX-XI)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот кори анҷомёфта ҳисобида шавад;

2. Таҳқиқи диссертатсионии Хоҷаева Гулҷаҳон Ҷаҳфаровна дар мавзуи "Оғози эҳёи аҷам ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик (асрҳои IX-XI)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ санаи 16 январи соли 2024, №10/6 қабул гардидааст:

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 10 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи педагогикаи умумии "МДТ ДДОТ" ба номи Садриддин Айнӣ» — Мансурова Ҷ. С.

Котиби ҷаласа — Арбобова Ф. А.

Имзои Мансурова Ҷ.С. ва Арбобова Ф.А.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — А. Мустафозода

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121;
Тел: +992 (37) 224 13 83, info@tgpu.tj www: tgpu.tj